


# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон санаи **14-15-уми июни соли 2024 к**онференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Рушди бозори суғуртаи мамлакатҳои аъзои ИДМ дар шароити иқтисодӣ рақамӣ» дар пояи кафедраи андоз ва суғурта доир менамояд. Ба конфронси мазкур намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, олимону муҳаққиқон, намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ, пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ даъват карда мешаванд.

**Дар конфронс масоилҳои зерин мавриди муҳокима қарор мегиранд:**

1. Мушкилоти рушди соҳаи суғурта дар давлатҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил;
2. Омилҳое, ки ба рушди бозори суғуртаи ИДМ таъсир мерасонанд;
3. Самтҳои афзалиятноки рушди фаъолияти суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
4. Таҷрибаи давлатҳои ИДМ дар ташаккул ва рушди фаъолияти суғурта дар шароити ҷаҳонишавӣ;
5. Хусусиятҳои андозбандии ташкилотҳои суғуртавӣ дар шароити рақамикунонӣ;
6. Ҳолати муосир ва муаммоҳои рушди фаъолияти суғурта дар шароити иқтисоди рақамӣ.

Дар ин замина, олимон, муҳаққиқон, магистрантҳо ва хоҳишмандоне, ки дар кори конфронс хоҳиши ширкат варзидан мехоҳанд, метавонанд то **10-уми июни соли 2024** мақолаҳои худро ба суроғаи электронии conference_tguk@internet.ru, ирсол ва ё дар шакли электронӣ ба суроғаи 734061, ш. Душанбе, хиёбони Деҳотӣ 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон манзур намоянд.

**Забони конфронс:** *тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.*

## ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАЪРӮЗАҲО:

Матни мақола бояд бо формати Microsoft Office Word, фосилаи байни сатр 1,5 бо истифодаи ҳуруфи Times New Roman (бо забони русӣ - Times New Roman), шрифти 14, ҳошияҳояш 2 см омода шуда, ба таври зайл пешниҳод гардад:

- дар байни саҳифа ному насаби муаллиф /муаллифон, дараҷаву унвони илмӣ, вазифа, ҷои кор ва e-mail навишта шавад;
- номи мавзӯъ дар мобайни саҳифа бо ҳарфҳои калон (**бо ҳарфҳои ғафс, шрифти 14 пт**) навишта шуда, матни пурраи маърӯза ва рӯйхати адабиёт;
- иқтибосҳо дар қавсайнҳои квадратӣ бо нишондоди рақами тартибии адабиёт ва саҳифа (масалан [**2, с.42**]) оварда шаванд;
- расмҳо, тасвирҳо, диаграммаҳо ва схемаҳо бо формати **«bmp»**, **«jpg»**, **«dwg»**, **«gif»** иҷро карда шуда, ҳатман ба онҳо ном гузошта шавад.

Намуна

> *Марупова Нигора Шоназаровна*
> *Дотсенти кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ*
> E-mail:______________________________
>
> САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СУҒУРТА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
>
> Аннататсия: .....
> Калидвожаҳо: ...... . . . . .
> Матн......матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... [1, С. 255] матн...... матн...... [2, С. 255] матн...... матн...... матн...... матн......
>
> АДАБИЁТ
>
> 1. А
> 2. Б
> 3. В

Матни маърӯзаи иштирокчиёни конфронс, ки аз ҷиҳати мазмун ба талаботи дар боло зикргардида мувофиқат мекунад ва то **10-уми июни соли 2024** пешниҳод мегардад, бо тавсияи ҳайати таҳририя дар шакли маҷмӯаи маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ то рӯзи баргузории конфронс нашр карда мешавад.

Даъватҳо барои иштирок дар конфронс то 12 **июни** соли 2024 фиристода мешаванд.

Раҷабов Комрон Раҷабович (мутасаддӣ) **Тел.:** (+992 34) 234-85-44, (+992) 904362929.

**E-mail:** conference_tguk@internet.ru

**КУМИТАИ ТАДОРУКОТ**